ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

«Тасдиқ карда шуд»
Дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДМИТ
№_2/43_ аз «_28_»____09_______2018
____________ Хайрзода Ш.Қ.

# ДАСТУРУЛАМАЛИ ВАЗИФАВИИ МУДИР ВА КОРМАНДОНИ ШУЪБАИ МОНИТОРИНГ ВА ИДОРАИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

Душанбе-2018

Дастуруламали мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии раванди таълим таҳия шудааст.

## Ӯҳдадориҳои мудири шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим.

### 1. Мудири шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ӯҳдадор аст:

1.1. Дар назорати иҷрои Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш ва мактубҳои дастурии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таъмини сифати таҳсилот иштирок намояд.

1.2. Банақшагирӣ, ташкили раванди имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ, мукаммалкунии низоми таълимро дар донишгоҳ назорат намояд.

1.3. Фаъолияти факултетҳо, кафедраҳо ва дигар сохторҳоро оид ба таҳияи саволномаҳои тестӣ, мутобиқати онҳоро бо барномаҳои таълимӣ назорат намуда, бо раванди таълим ҳамоҳанг намояд.

1.4. Рафти ҳуҷҷатнигории таълимӣ ва омода намудани ҳисоботро оид ба масъалаҳои мониторинги сифати таълим ва давомоти донишҷӯён назорат намояд.

1.5. Корро оид ба гузаронидани мониторинги сифати таълим ва натиҷаи онҳо ташкил намояд.

1.6. Таҷрибаи пешқадами омӯзгорони ватанӣ ва хориҷиро доир ба методҳои муосири таълим ва услуби дарсдиҳӣ омӯхта, дар байни ҳайати профессориву омӯзгорӣ паҳн намояд ва барои минбаъда мукаммалкунии ҷараёни таълим пешниҳод таҳия намояд.

1.7. Ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи раванди таълимро таҳия ва барои муҳокима ба Шӯрои олимон пешниҳод намояд. Аз ҷониби деканатҳо ва кафедраҳо истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии раванди таълимро назорат намояд.

1.8. Ташкил ва таъмини сифати низоми таҳсилоти кредитиро дар зинаи бакалавриат, магистратура ва фосилавӣ назорат намояд.

1.9. Аз фанҳои умумидонишгоҳӣ ва тахассусӣ бо мақсади беҳтар намудани сифати таълим дар донишгоҳ минитестҳо гузаронад.

1.10. Дар машғулиятҳои устодон ва муҳокимаи дарсҳои кушод иштирок намояд ва ҷиҳати беҳтар шудани сифати машғулиятҳо чораҳои судманд андешад.

1.11. Омилҳои баланд бардоштани сифати таълимро тибқи талаботҳои Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ дарёфт ва амалӣ намояд.

1.12. Иҷрои бандҳои «Низомномаи идоракунии сифати таҳсилот»-ро таъмин намояд.

1.13. Супориш ва вазифаҳое, ки аз тарафи роҳбарияти донишгоҳ оид ба шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим дода мешавад, саривақт иҷро намояд.

1.14. Ба ШИМ-и донишгоҳ оид ба беҳтар намудани мазмун ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, методикаи таълим ва тадбиқи ниҳоии кластери таҳсилот, низоми кластерӣ, пешниҳод манзур мегардад.

**2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мудири шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим:**

2.1. Оид ба беҳтар намудани сифати таҳсилот, мукаммалкунии раванди таълим ба роҳбарияти донишгоҳ таклифҳо пешниҳод намояд.

2.2. Аз декани факултетҳо, мудирони кафедраҳо, сардорони шуъбаҳо ва кормандону устодони алоҳида иттилоот ва асноди зарурироо марбут ба мониторинги сифати таълим дархост намояд.

2.3. Ҷиҳати муҳайё намудани шароити мусоиди фаъолияти таълимӣ дар донишгоҳ тадбирҳо андешад ва рафти фаъолияти таълимиро мунтазам назорат намояд.

2.4. Руйхати кормандони шуъбаро барои ҳавасмандкунӣ ба роҳбарияти донишгоҳ пешниҳод намояд.

2.5. Дар доираи ваколатҳои худ ба кормандон ва устодони донишгоҳ дастуру супоришҳо диҳад.

2.6. Татбиқи тадриҷии «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», талаботи ҳадди ақали мазмун ва мундариҷаи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ ва «Низомномаи ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи низоми таҳсилоти кредитӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон»-ро ба роҳ монад.

2.7. Рафти сессияҳои имтиҳони фосилавӣ ва ҷамбастиро дар шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи донишгоҳ назорат намояд.

2.8. Истифодабарии журналҳои академӣ, қайди дарси ҳаррӯзаи устодон ва давомоти донишҷӯёнро назорат кунад.

3. Ҳуҷҷатҳои меъёриро, ки ба баланд бардоштани сифату самаранокии таълим мусоидат менамоянд, мураттаб намояд.

**Уҳдадориҳои мутахассисони шуъба:**

- ташкили захираҳои маҷмуи саволномаҳои тестӣ аз фанҳои таълимӣ;
- ташкили ташхиси саволномаҳои тестӣ ҷиҳати мувофиқати онҳо бо барномаҳои таълимӣ;

- татбиқи низоми тестӣ дар донишгоҳ;
- бо истифода аз технологияҳои иртиботӣ - иттилоотӣ ба роҳ мондани қабули имтиҳонҳо;
- ташкили семинарҳои омӯзишӣ ва машваратҳо бо донишҷӯён доир ба тарзи гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо бо усули тестӣ;
- омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ оид ба коркард ва татбиқи низоми тестии супоридани санҷишу имтиҳонҳо;
- омодасозӣ, пурракунӣ ва такмилдиҳии базаи тестии донишгоҳ.
- тамоми дастовардҳои донишҷӯёнро дар давраи таҳсил ба қайд гирад;
- риояи тақвими академиро назорат намояд;
- мониторинги сатҳи донишазхудкунӣ ва давомоти донишҷӯёнро гузаронад;
- татбиқи низоми холдиҳӣ - рейтингиро дар ҷараёни таълим ва сессияҳои имтиҳонӣ назорат намояд;
- раванди санҷишҳои ҷорӣ, фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастиро назорат намояд;
- натиҷаҳои санҷиши фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастиро ба базаи маркази тестӣ гузаронад;
- саволномаҳои тестӣ ва калиди ҷавобҳоро ба базаи тестӣ ворид намояд;
- мавҷудияти саволномаҳои тестиро аз фанҳои таълимӣ 1 моҳ пеш аз оғози сессияи имтиҳонотӣ санҷад.

**Ҳуқуқҳои мутахассисони шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим:**

- коркарди саволномаҳои тестӣ ва мувофиқати онҳоро ба талабот санҷанд;
- аз сохторҳои таркибӣ оид ба масъалаҳои дар доираи салоҳияти марказ буда, маълумот талаб намоянд;
- маҳорати касбии худро баланд бардоранд;
- матни хаттӣ ва электронии саволномаҳои тестӣ ва калиди онҳоро махфуз нигоҳ доранд ;
- иҷрои вазифаҳои дигар, ки аз ҷониби роҳбарият дода мешавад.